Замимаи 1
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «1» феврали соли 2022, №19

Дар Вазорати адлия санаи
1 феврали соли 2022, №1123
ба қайди давлатӣ гирифта шудааст

**Дастурамал**
**оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохти андоз аз бизнеси бозӣ (минбаъд – Дастурамал) тартиби ҳисоб ва пардохт намудани андоз аз бизнеси бозиро муайян менамояд.

2. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ (минбаъд - андоз аз бизнеси бозӣ) низоми махсус мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои бизнеси бозӣ, ба истиснои даромадҳо аз бизнеси бозии дар манбаи пардохт андозбандишаванда, андозбандӣ карда мешаванд.

3. Мафҳумҳое, ки дар Дастурамали мазкур истифода мешаванд:

- автомати бозӣ - таҷҳизоти махсус (механикӣ, барқӣ, электронӣ ё дигар таҷҳизоти техникӣ) ва (ё) компютери шахсӣ, ки барои гузаронидани бозӣ (бо бурд ва бе бурд) бе иштироки субъект (соҳиб, намояндаи соҳиб)-и бизнеси бозӣ дар бозиҳои мазкур истифода мешаванд, ба ғайр аз ҳолатҳои қиморбозӣ;

- барориши лотерея - шумораи билетҳои лотереяҳои аз ҷониби ташкилкунандаи лотерея барои фурӯш тайёршуда;

- бизнеси бозӣ - фаъолият оид ба хизматрасонӣ вобаста ба шартбандӣ бо иштирокунандагони бозӣ, ки дар асоси таваккал оид ба бурд ё бе бурд асос ёфтааст ва (ё) ташкили кор оид ба бастани чунин шарт байни ду ва ё зиёда иштироккунандагони бозӣ мебошад;

- варақаи бақайдгирии объектҳои андозбандӣ - санади тасдиқкунандаи бақайдгирии объектҳои андозбандии марбут ба бизнеси бозӣ дар мақомоти андоз, ки шакли онро мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ менамояд.

- лото - бозӣ бо картаҳои махсуси дорои рақам (сурат ё аломатҳои дигар), ки бо муҳрача (фишка) пӯшонида мешаванд;

- лотерея - бозии омавии муташаккилона мебошад, ки дар он тақсимоти даромад ва зарар аз тасодуфан гирифтани ин ё он билет ё рақам (қуръа, лот) ва ҳаҷми фонди мукофот барои ҳар барориши лотерея вобаста аст. Як қисми маблағҳои супоридаи бозингарон ба ташкилкунандагони лотерея равона шуда, қисми дигари он дар шакли андоз ба давлат пардохт карда мешавад;

- мизи бозӣ - ҷойи махсуси бо як ё якчанд майдони бозӣ таҷҳизонидашудаи субъект (соҳиб)-и бизнеси бозӣ, ки барои гузаронидани бозӣ (бо бурд ва бе бурд) пешбинӣ гардида, дар он субъект (соҳиб)-и бизнеси бозӣ ба воситаи намояндагони худ ҳамчун тараф ё чун ташкилкунанда иштирок менамояд, ба ғайр аз ҳолатҳои қиморбозӣ;

- мизи билярд - мизи махсус, ки барои бозии билярд пешбинӣ шудааст;

- нуқтаи қабули шартҳо дар тотализатор – таҷҳизоти ҳисобкунии пули шарт, ки маблағи шарт ва бурди пардохташавандаро муайян мекунад;

- нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ – ҷойи махсуси таҷҳизонидашудаи соҳиби бизнеси бозӣ, ки дар он маблағи шарт ба ҳисоб гирифта шуда, маблағи бурди пардохтшаванда муайян карда мешавад;

- роҳрави бозӣ - роҳрави махсус, ки барои бозии боулинг (кегелбан) пешбинӣ гардидааст;

- сомонаи бизнеси бозӣ – ҳар сомонаи интернетӣ, ки тавассути он бизнеси бозӣ анҷом дода мешавад;

- шарт (гарав) - шартномаи ба таваккал асосёфта доир ба бурд, ки байни ду ё якчанд иштирокдори бизнеси бозӣ байни худ ё бо субъект (соҳиб, намояндаи соҳиб)-и бизнеси бозӣ баста шудааст ва натиҷаи он аз ҳодисае вобаста аст, ки фаро расидан ё нарасидани он маълум нест.

4. Истифодаи низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз пардохти чунин андозҳо, ба истиснои даромадҳои дар манбаи пардохт андозбандишуда, озод мекунад:

- андоз аз даромад аз бизнеси бозӣ;

- андоз аз даромад бевосита аз даромадҳои бизнеси бозии соҳибкори инфиродӣ, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунад;

- андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашудаи барои хизматрасонӣ (кор)-и ба ғайрирезидент таҳвилшуда ва марбут ба воридоти мол ба Ҷумҳурии Тоҷикистон.

5. Субъектҳои бизнеси бозӣ, ки илова ба фаъолияти бизнеси бозӣ намудҳои дигари фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд, ухдадоранд оид ба дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳисоби алоҳидаи даромадҳо, хароҷотро пеш баранд. Дар ин ҳолат намудҳои дигари фаъолияти онҳо дар асоси муқаррароти Кодекси андоз андозбандӣ карда мешаванд.

6. Шахсони ба фаъолияти бизнеси бозӣ машғулбуда аз иҷрои уҳдадориҳои агенти андоз, ки Кодекси андоз пешбинӣ намудааст, озод намебошанд.

Эзоҳ: Мисоли 1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «А» (минбаъд-ҶДММ «А») фаъолияти худро тибқи низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ анҷом дода, дар шаҳри Душанбе нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ дорад. Дар баробари ин ҶДММ «А» аз ҳисоби хизматрасонии хӯроки умумӣ даромад ба даст меорад. Дар ин сурат ҶДММ «А» ухдадор аст пешбурди баҳисобгирии даромад ва хароҷотро аз рӯи фаъолияти бизнеси бозӣ ва хизматрасонии хӯроки умумӣ алоҳида ба роҳ

монда, аз фаъолияти қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ андоз аз бизнеси бозӣ ва аз хизматрасонии хӯроки умумӣ андозҳои дахлдорро тибқи талаботи Кодекси андоз ҳисоб ва пардохт намояд. Ҳамзамон ҷамъият уҳдадор аст андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоиро ҳисоб ва ба буҷети давлатӣ пардохт намояд.

## 2. АНДОЗСУПОРАНДАГОН

7. Супорандагони андоз аз бизнеси бозӣ шахсони ҳуқуқӣ, филиалҳои онҳо, филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродие мебошанд, ки фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи бизнеси бозӣ амалӣ менамоянд.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «Б» фаъолияти соҳибкориро дар соҳаи бизнеси бозӣ дар шакли бозии билярд ва автомати бозӣ амалӣ менамояд. Ҷамъият мизи билярд ва автомати бозиро аз ҶДММ «О» ба иҷора гирифтааст. Новобаста ба он ки соҳиби мизи билярд ва автомати бозӣ ҶДММ «О» мебошад, супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ ҶДММ «Б» ба ҳисоб меравад. Дар навбати худ ҶДММ «О» уҳдадор аст аз ҳисоби даромади дар шакли иҷорапулӣ гирифтааш андозҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси андоз ҳисоб ва пардохт намояд.

Мисоли 2. Осоишгоҳи «Ф» дар тавозуни худ як мизи билярд дорад, лекин онро бо мақсади фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ истифода наменамояд. Бинобар ин, осоишгоҳи «Ф» супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ намебошад.

## 3. ОБЪЕКТҲОИ АНДОЗБАНДӢ ВА ТАРТИБИ БАҚАЙДГИРИИ ОНҲО

8. Объектҳои андозбандӣ барои андоз аз бизнеси бозӣ инҳо мебошанд:
- сомонаи бизнеси бозӣ;
- нуқтаи қабули шартҳо дар тотализатор;
- нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ;
- мизи бозӣ;
- автомати бозӣ бе бурди пулӣ;
- роҳрави бозӣ (ҳангоми бозии боулинг (кегелбан);
- мизи билярд (ҳангоми бозии билярд);
- ташкили лото (ҳангоми бозии лото);
- ба фурӯш баровардани лотерея;
- дигар объектҳои бизнеси бозӣ, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешаванд.

9. Ҳар объекти андозбандии дар банди 8 Дастурамали мазкур пешбинигардида (ба ғайр аз бароиши лотерея ба фурӯш) на дертар аз 10 рӯзи

тақвимӣ то санаи оғози истифодаи он дар мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии чунин объекти андозбандӣ ба қайд гирифта мешавад.

10. Барои ба фурӯш баровардани лотерея дар шакли ҳар барориши билетҳои лотерея ба фурӯш ва ҳаҷми фурӯши номиналии онҳо бо ифодаи пулӣ объекти андозбандӣ бояд дар мақомоти андози дахлдор дар давоми на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи фурӯши билетҳои лотерея бо нишон додани маҳал (минтақа)-и фурӯши билетҳои лотерея ба қайд гирифта шавад.

11. Дар асоси аризаи андозсупоранда дар бораи баҳисобгирии объект (объектҳо)-и андозбандӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод шудааст, мақомоти андоз дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ бақайдгирии объект (объектҳо)-и андозбандиро анҷом дода, ба андозсупоранда шаҳодатномаи баҳисобгирии объект (объектҳо)-и андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ медиҳад, агар маълумот ба мақомоти андоз пурра пешниҳод шуда бошад.

Эзоҳ: Мисол. ҶДММ «Б» 10 январи соли 2021 дар бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳри Кӯлоб ба қайди давлатӣ гирифта шуда, нақша дорад объектҳои бизнеси бозӣ (аз ҷумла мизи бозӣ, нуқтаи қабули шартҳо дар тотализатор, нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ)-ро аз 1 феврали соли 2021 истифода намояд. Дар ин сурат ҷамъият уҳдадор аст то 20 январи соли 2021 бо аризаи шакли муқарраршуда ба нозироти андози шаҳри Кӯлоб муроҷиат намояд. Дар навбати худ мақомоти андоз уҳдадоранд аст дар асоси аризаи андозсупоранда дар муҳлати 10 рӯзи тақвимӣ объектҳои бизнеси бозиро ба қайд гирифта, ба ӯ шаҳодатнома диҳад.

12. Андозсупоранда уҳдадор аст ҳар тағйироти миқдории объектҳои андозбандиро на дертар аз 10 рӯзи тақвимӣ то санаи ҷойгиркунӣ ё қатъ гардидани амал (истифода)-и ҳар объекти андозбандӣ, аз ҷумла ҳар барориши лотереяҳоро ба фурӯш, дар мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии объектҳои андозбандӣ ба қайд гузорад. Ҳангоми ҷойгиркунии объекти нави андозбандӣ, иваз намудани маҳалли ҷойгиршавии он ё хориҷ намудани он шаҳодатномаи нав дода мешавад.

Мисол. ҶДММ «А» то 1 июли соли 2019 дорои 5 объекти андозбандӣ (аз ҷумла мизи билярд) буда, нақша дорад аз 1 феврали соли 2021 боз 5 мизи билярдро пешкаши мизоҷон намояд. Дар ин сурат ҷамъият уҳдадор аст то 20 январи соли 2021 бо аризаи шакли муқарраршуда ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии объект муроҷиат намояд.

13. Агар андозсупоранда фаъолияти худро дар соҳаи бизнеси бозӣ қатъ намояд ва (ё) ҳангоми аз кор мондани ҳамаи объектҳои андозбандӣ (анҷом додани фурӯши билетҳои лотерея), бояд варақаи бақайдгирии баҳисобгирии объектҳо дар давоми 10 рӯзи тақвимӣ ба мақомоти андоз баргардонида (супорида) шавад.

Эзоҳ: Мисол. ҶДММ «Б» 1 июли соли 2021 фаъолияти худро дар соҳаи бизнеси бозӣ қатъ намуд. Дар ин сурат ҶДММ «Б» уҳдадор аст пас аз қатъи фаъолият, яъне то 10 июли соли 2021 шаҳодатномаи бақайдгирии объектҳои андоз аз бизнеси бозиро ба мақомоти андоз супорад.

14. Амалисозии фаъолият дар соҳаи бизнеси бозӣ бе бақайдгирии объектҳои андозбандӣ роҳ дода намешавад.

## 4. МАНБАИ АНДОЗ ВА МЕЪЁРИ АНДОЗ

15. Барои мақсадҳои ҳисоб намудани манбаи андоз аз бизнеси бозӣ даромади аз ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар барориши лотереяҳо ба фурӯш) дар назар дошташуда истифода бурда мешавад.

16. Мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳамасола тибқи муқаррароти боби 54 Кодекси андоз маблағи андоз аз бизнеси бозиро барои давраи андоз, бо дар назар доштани бандҳои 17 ва 18  Дастурамали мазкур, новобаста ба андозаи даромад дар ҳаҷми устувор барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ, дар мувофиқа бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда, онро бо тартиби муқарраргардида дар нашрияҳои даврии шаҳрӣ ё ноҳиявӣ интишор менамоянд.

17. Меъёри андоз барои сомонаи идораи букмекерӣ ба андозаи на камтар аз 5000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои ҳар давраи андоз муқаррар карда мешавад.

Эзоҳ: Мисоли 1. ҶДММ «Р» фаъолиятро оид ба пешбурди сомонаи идораи букмекерӣ ва истифодаи мизҳои бозӣ дар соҳаи бизнеси бозӣ анҷом медиҳад. Ҷамъият барои пешбурди сомонаи идораи букмекерӣ ба андозаи на камтар аз 5000 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (300000 сомонӣ=60 сомонӣ (1 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар соли 2021)*5000) ва барои мизҳои бозӣ тибқи меъёрҳои бо қарори мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳия муайяннамуда алоҳида андоз пардохт менамояд.

Мисоли 2. Тибқи қарори Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Кӯлоб меъёрҳои андоз аз бизнеси бозӣ дар шаҳри Кӯлоб муқаррар шудаанд. Меъёри андоз аз бизнеси бозӣ барои як ташкили ҳар лото 5 фоизи даромади умумӣ, вале на камтар аз 2000 сомонӣ пешбинӣ шудааст. Яъне дар ҳар сурат пардохти андоз аз бизнеси бозӣ аз 2000 сомонӣ кам шуда наметавонад. Даромади ҶДММ «А» аз фаъолияти ташкили лото 39500 сомонӣ буда, ҳангоми бо меъёри 5 фоиза ҳисоб намудани андоз аз бизнеси бозӣ маблағи андоз 1975 сомониро ташкил медиҳад. Бо сабаби он ки маблағи андоз аз бизнеси бозӣ аз 2000 сомонии муқарраргардида кам мебошад, ҶДММ «А» уҳдадор аст на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз давраи андоз фаро мерасад, маблағи андоз аз бизнеси бозиро дар ҳаҷми 2000 сомонӣ пардохт намояд. Агар даромади

ҶДММ «А» аз фаъолияти бозии лото 45000 сомонӣ гардад, пас ҷамъият уҳдадор аст, ки аз чунин даромади бадастомада бо меъёри 5 фоиза аз маблағи андоз аз бизнеси бозиро (45000*5=2250 сомонӣ) ҳисоб ва пардохт намояд.

18. Агар субъект дар ҳудуди шаҳр ё ноҳия хоҳиши амалӣ намудани намудҳои дигари бизнеси бозиро дошта бошад ва меъёри андоз барои ин намуди фаъолият муайян нашуда бошад, бояд пеш аз оғози чунин фаъолият ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин бора муроҷиат намояд. Дар ин ҳолат меъёри андоз барои намудҳои дигари бизнеси бозӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи банди 16 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад.

19. Меъёри андоз барои нуқтаи тотализатор, нуқтаи идораи букмекерӣ ва барои ба фурӯш баровардани лотерея ба андозаи меъёри устувори аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайяншуда муқаррар карда мешавад.

20. Новобаста ба он, ки андоз аз бизнеси бозӣ дар аксари ҳолатҳо дар ҳаҷми устувор барои ҳар объекти андозбандӣ ҳисоб ва пардохт карда мешавад, супорандагони андоз аз бизнеси бозӣ уҳдадоранд пешбурди ҳисоби даромадҳо ва хароҷотро бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом диҳанд.

## 5. ДАВРАИ АНДОЗ ВА ТАРТИБИ ПАРДОХТИ АНДОЗ

21. Супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ маблағи андозро аз рӯи манбаъ ва меъёри андоз, ки барои ҳар объекти андозбандӣ муқаррар шудааст, бо дар назар доштани маҳалли ҷойгиршавии объект, мустақилона ҳисоб менамояд.

22. Давраи андоз моҳи тақвимӣ дониста шуда, эъломияи андоз аз бизнси бозӣ аз тарафи андозсупоранда ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии объектҳои андозбандӣ на дертар аз санаи 15-уми моҳи пас аз давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад. Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дар эъломия дарҷ кардани маълумоти таҳрифшуда субъекти соҳибкорӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

23. Ҳангоми додани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии объект (объектҳо)-и андозбандӣ маблағи андоз ҳамчун маблағи ҷамъи миқдори умумии объектҳои дахлдори андозбандӣ (аз ҷумла объектҳои нави андозбандӣ) ва меъёри андоз, ки барои ин объектҳои андозбандӣ муқаррар шудааст, бо тартиби зерин муайян карда мешавад:

- маблағи пурраи андоз аз рӯи объектҳо барои давраи ҳисоботӣ пардохт карда мешавад, агар чунин объектҳо то санаи 15-уми моҳи ҳисоботӣ мавриди истифода қарор дода шуда бошанд;

- 50 фоизи маблағи андоз аз рӯи объектҳо пардохт карда мешавад, агар чунин объектҳо баъд аз санаи 15-уми моҳи ҳисоботӣ мавриди истифода қарор дода шуда бошанд.

24. Мутобиқи муқаррароти қонунгузории андоз мақомоти андоз ҳуқуқ дорад бо мақсади татбиқи чораҳои иловагӣ оид ба мубориза бо саркашӣ аз пардохти андоз тартиби истифодаи усулҳои алтернативии андозбандиро татбиқ намояд.

Эзоҳ: Мисол. ҶДММ «Б» дар давраи ҳисоботӣ дорои 8 нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ мебошад. Аз ин шумора аз ҷониби ҷамъият дар давраи андоз фаъолияти 3 нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ баъд аз санаи 15-уми моҳи ҳисоботӣ мавриди истифода қарор дода шудаанд. Дар ин ҳолат ҶДММ «Б» 50 фоизи маблағи андоз аз бизнеси бозиро аз рӯи 3 нуқтаи қабули шартҳо дар идораи букмекерӣ ҳисоб ва пардохт менамояд.

25. Агар супорандаи андоз аз бизнеси бозӣ дар якчанд шаҳру ноҳия объектҳои андозбандӣ дошта бошад, пас андоз аз бизнеси бозӣ аз ҷониби андозсупоранда (шахси ваколатдорнамудаи ӯ) ба буҷети маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ пардохт карда мешавад.

## 6.ТАРТИБИ ПУР КАРДАНИ ЭЪЛОМИЯИ АНДОЗ АЗ БИЗНЕСИ БОСӢ

26. Субъектҳои соҳибкорӣ ҳуқуқ доранд эъломияи андозро бо интихоби худ ба тариқи зерин ба мақомоти андози маҳалли бақайдгирии объектҳои андозбандӣ пешниҳод намоянд:

- дар шакли электронӣ;

- тавассути почта;

- шахсан ё тавассути намоянда.

27.Эъломия фасли 1 «Маълумот дар бораи андозсупоранда», фасли 2 «Ҳисоб намудани андоз» ва фасли 3 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида»-ро дар бар мегирад.

28. Маълумот дар бораи андозсупоранда чунин пур карда мешавад:

1) ҳангоми пур кардани сатрҳои 1, 2, 3 ва 4 мувофиқан рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас, рамзи сабаби баҳисобгирӣ (аз ҷумла ҳангоми мавҷуд будани воҳиди алоҳида) ва номи пурраи субъекти соҳибкорӣ нишон дода мешавад;

2) дар сатрҳои 5 ва 6 мувофиқан намуди эъломияи пешниҳодшаванда ва давраи андоз қайд карда мешавад. Дар сатри 7 ҳангоми мавҷудияти воҳиди алоҳида қайди дахлдор гузошта мешавад.

29. Андоз чунин ҳисоб карда мешавад:

1) дар сутуни А (сатрҳои 001-007) шумораи умумии объектҳои андозбандӣ, сутуни Б (сатрҳои 001-007) меъёри муқарраршудаи андоз аз рӯи ҳар намуди объекти андозбандӣ ва сутуни В (сатрҳои 001-007) маблағи андози ҳисобшаванда қайд карда мешавад (сутуни А х сутуни Б);

2) дар сатри 008 сутунҳои А, Б ва В объекти андозбандии ба фурӯш баровардани лотерея, даромади умумӣ, меъёри андоз ва маблағи андоз нишон дода мешавад;

3) дар сатри 010 ҷамъи маблағи андози ҳисобшаванда аз рӯи ҳама объектҳои бизнеси бозӣ дарҷ карда мешавад.

30. Дурустии маълумоти дар эъломияи андоз қайдшударо субъекти соҳибкорӣ бо имзои худ ва гузоштани мухр тасдиқ менамояд. Дар қисми 3 эъломия санаи пешниҳоди эъломия ва санаи қабули он аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда мешавад.

## 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

31. Назорати татбиқи низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ аз ҷониби мақомоти андоз амалӣ карда мешавад.

32. Андозсупорандагон, намояндагони онҳо ва шахсони мансабдор, инчунин агентҳои андоз барои риоя накардани талаботи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Замимаи 2
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» феврали соли 2022, №19

Ба нозироти андоз дар______________________
(номи мақомоти андоз)

Ариза
дар бораи баҳисобгирӣ ва тағйироти миқдории объект (объектҳо)-и андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ

______________________________________________
(номи шахси ҳуқуқӣ, филиалҳои он, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ)

______________________________________________
(маҳал (суроға)-и ҷойгиршавии онҳо)

______________________________________________
(рақами мушаххаси андозсупоранда ё рақами ягонаи мушаххас ва рақами иҷозатномаи дахлдор)

аз Шумо хоҳиш менамоям, ки объект (объектҳо)-и зерини андозбандии андоз аз бизнеси бозиро ба ҳисоб гиред.

Маълумот оид ба объектҳои андозбандӣ

| р/т | Номгӯи объекти андозбандӣ | Шумораи воҳидҳо (бо ҳарф) | Маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ | Санаи оғози истифодаи объекти андозбандӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

Маълумот дар бораи ба фурӯш баровардани билетҳои лотерея

| р/т | Силсила ва рақами билетҳои лотерея | Ҳаҷми фурӯши номиналии билетҳои лотерея | Маблағи умумии билетҳои лотерея | Маҳал (минтақа)-и фурӯши билетҳои лотерея |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

Ба ариза нусхаи ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти маҳалли фаъолиятро тасдиқ мекунанд (шартномаи иҷора ё ҳуҷҷати бақайдгирии бино ё қисмати он), замима карда мешаванд.

________ Ҷ.М. ________________________ ________________
(имзо) (насаб, ном ва номи падари роҳбари шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ) (санаи пешниҳоди ариза)

Қайд дар бораи қабули ариза

________ Ҷ.М. ______________________________ ________________
(имзо) (ном, насаб ва номи падари сардори мақомоти андоз) (санаи қабули ариза)

Замимаи 3
ба фармоиши вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «01» феврали соли 2022, №19

Ба нозироти андоз дар ______________________
(номи мақомоти андоз)

Шаҳодатномаи
баҳисобгирии объект (объектҳо)-и андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ

аз _________ соли 20__ № ___

Шаҳодатномаи мазкур дода шуд ба__________________________________
____________________________________________________________________
(номи шахси ҳуқуқӣ, филиалҳои он, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ)
____________________________________________________________________
(рақами мушаххаси андозсупоранда, рақами ягонаи мушаххас ва рақами иҷозатномаи дахлдор)

дар он хусус, ки андозсупорандаи мазкур «____»_____соли 20___ дар _______________________________________________________________
(номи мақомоти андоз)
чунин объектҳои андозбандии андоз аз бизнеси бозиро ба қайд гузошт:

Маълумот оид ба объектҳои андозбандӣ

| р/т | Номгӯи объекти андозбандӣ | Шумораи воҳидҳо (бо ҳарф) | Маҳалли ҷойгиршавии объекти андозбандӣ | Санаи оғози татбиқ (истифода)-и объекти андозбандӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

Маълумот дар бораи ба фурӯш баровардани билетҳои лотерея

| р/т | Силсила ва рақами билетҳои лотерея | Ҳаҷми фурӯши номиналии билетҳои лотерея | Маблағи умумии билетҳои лотерея | Маҳал (минтақа)-и фурӯши билетҳои лотерея |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |

Асос: Ариза аз «___» _______ соли 20___ дар бораи бақайдгирии объект (объектҳо)-и андозбандии андоз аз бизнеси бозӣ

_______________________________________________________________________

(номи шахси ҳуқуқӣ, филиалҳои он, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ)

___________ Ҷ.М. ________________ _____________

(имзо) (насаб, ном ва номи падари сардори мақомоти андоз) (санаи пешниҳоди шаҳодатнома)

Шаҳодатномаи мазкурро гирифтам:

____________ ___________________________ ____________

(имзо) (насаб, ном ва номи падари роҳбари шахси ҳуқуқӣ, филиалҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ насаб, ном ва номи падари соҳибкори инфиродӣ) (санаи қабули шаҳодатнома)

Эзоҳ: Шаҳодатнома ба андозсупоранда барои объекти андозбандӣ, ки дар ариза дар бораи бақайдгирӣ дарҷ карда шудааст, дода мешавад. Агар дар ариза дар бораи бақайдгирӣ якчанд объекти андозбандӣ нишон дода шуда бошад, барои ин объектҳо як шаҳодатнома дода мешавад. Нусхаи шаҳодатнома дар мақомоти андоз нигоҳ дошта мешавад.